# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДАР БОРАИ ЭНЕРГЕТИКА

**(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2000, №11, мод.504; с. 2005, №12, мод.633; с.2007, №6, мод.436; №7, мод.672; с.2009, №9-10, мод.549; с.2011, №6, мод.440, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013, №998)**

(Қонуни ҶТ аз 26.12.2005 № 118, аз 13.06.2007 № 280, аз 30.07.2007 № 310, аз 16.10.2009 № 556, аз 28.06.2011 № 727, аз 22.07.2013 № 998, аз 28.12.2013 № 1054, аз 19.07.2022 № 1909)

Қонуни мазкур принсипҳои асосии ташкилию ҳуқуқи ва тарзу усулҳои танзими фаъолияти хоҷагиро дар соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

*(Қонуни ҶТ аз 22.07.2013 № 998)*

### Моддаи 1. Мақсади Қонуни мазкур

Мақсади Қонуни мазкур аз таъмини ҳуқуқии сиёсати давлати дар соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси механизмҳои бозоргони, институтсионали ва иттилооти ба хотири тараққиёти боэътимодии он ва ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагони энергия иборат аст.

### Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ

*(Қонуни ҶТ аз 22.07.2013 № 998)*

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд (*Қонуни ҶТ аз 22.07.2013 № 998*):

энергетика - соҳаи иқтисодиест, ки ҷустуҷӯ, истихроҷ, истеҳсол, таҷдид, интиқол, нигаҳдори, расонидан, тақсимот ва истеъмоли захираҳои энергетики ва энергияро дар бар мегирад;

комплекси сӯзишворию энергетикӣ - маҷмӯи бо ҳам алоқаманди соҳаҳои иқтисодиёт, ки дар системаҳои гидроэнергия ва гармиистеҳсолкунанда, ангишт, нафт, газистихроҷ, интиқол ва коркардкунанда, барқтаъминкунанда ва барқистифодабаранда, инчунин зерсистемаҳои минтақавӣ ва дигар объектҳои энергетикӣ, ки сарфи назар аз шакли моликият фаъолият менамоянд (*Қонуни ҶТ аз 16.10.2009 № 556*);

соҳаи энергетика - қисми таркибии энергетика, ки бо яке аз намудҳои захираҳои энергетики ва энергия вобаста аст;

корхонаи энергетики - ин шахси ҳуқуқиест, аз ҷумла аз субъектҳои монополияи табиӣ сарфи назар аз шаклҳои моликияташон, ки ба як ё якчанд намуди фаъолият дар энергетика машғул аст;

объекти энергетика - ин иншооти махсусест, ки барои истеҳсол, таҷдид, интиқол, нигаҳдорӣ, расонидан ва тақсимоти захираҳои энергетикӣ ва энергия таъин шудааст;

фаъолият дар энергетика, хизматрасонии энергетикӣ - ин истеҳсол, интиқол, расонидан, тақсимот, нигаҳдорӣ, коркард, таҷдид, фурӯши энергия, захираҳо ва маҳсулоти энергетикӣ мебошад;

захираи энергетикӣ - ҳомили энергия, ки дар айни замон ё дар оянда метавонад мавриди истифодаи самарабахш қарор гирад. Он чунин тақсимбандӣ мешавад:

а) захираҳои энергетикии барқароршаванда - ин захираҳое мебошанд, ки ба таври табиӣ ба вуҷуд омада, доимо аз нав пайдо мешаванд (гармии офтоб, ҷараёни табиии обу ҳаво, обҳои геотермалӣ ва биомассаҳо) ва ба намудҳои дигари энергия мубаддал шуда метавонанд;

б) захираҳои аввалияи энергетикӣ - захираҳои табиӣ, ки метавонанд бевосита чун сӯзишворӣ истифода шаванд (нафт, гази табиӣ, ангишт) ё мавриди истеҳсоли намудҳои гуногуни энергия қарор гиранд;

в) захираҳои энергетикии дуюмдараҷа - захираҳое, ки ба шакли маҳсулоти иловагӣ дар ҷараёни истеҳсолоти асосӣ ба даст меоянд;

маҳсулоти энергетикӣ - намудҳои мухталифи сӯзишворӣ, маҳсулоти нафт, энергияи қувваи барқ ва гармӣ, ки аз ҳама гуна намудҳои захираҳои энергетикӣ истеҳсол мешаванд;

истеъмолкунандагон дар энергетика - ҳама шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки энергия ва захираҳои энергетикиро мехаранд ва бе мақсади аз нав фурӯхтан онҳоро истифода мебаранд (*Қонуни ҶТ аз 22.07.2013 № 998*);

истеҳсолкунандагон дар энергетика - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қатъи назар аз шакли моликияташон, ки барои онҳо ҳамаи захираҳои энергетикӣ ва энергия маҳсулоти молӣ мебошанд (*Қонуни ҶТ аз 22.07.2013 № 998*);

мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетика - мақомоти давлатӣ, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи энергетика амалӣ менамоянд (*Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1909*);

сарфаҷӯии энергия - истифодаи оқилона ва кам кардани талафот дар ҷараёни истеҳсол, таҷдид, интиқол ва истеъмоли энергия мебошад;

консессия - шартнома дар бораи ба сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ тибқи шартҳои муайян муваққатан барои истифода

додани объектҳои давлати бо ҳуқуқи фаъолият намудан дар комплекси сӯзишворию энергетики (*Қонуни ҶТ аз 22.07.2013 № 998*).

## Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи энергетика

(*Қонуни ҶТ аз 22.07.2013 № 998*)

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи энергетика ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад (*Қонуни ҶТ аз 22.07.2013 № 998, аз 19.07.2022 № 1909*).

# БОБИ 2. ТАНЗИМИ ДАВЛАТИ ДАР СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА

## Моддаи 4. Сиёсати давлати дар соҳаи энергетика

Мақсадҳои асосии давлат дар соҳаи энергетика аз инҳо иборат аст:

- таъмини боэътимод ва сифатноки эҳтиёҷоти рӯзафзуни ҷумҳури ба захираҳо ва маҳсулоти энергетики ва кафолати амнияти энергетикии кишвар;

- таъмини ҳифзи муҳити зист ва аҳоли аз таъсири зараровари фаъолият дар соҳаи энергетика;

- муҳайё намудани шароити зарури барои пайгирона гузаштани энергетика ба муносибатҳои бозоргони, ҷалб намудани сармоягузории ватани ва хориҷи ба он, ба корхонаҳои энергетики додани мустақилияти иқтисоди ва таъмини тараққиёти онҳо дар асоси рақобати бозоргони;

- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти комплекси сӯзишворию энергетики дар асоси ҷори намудани технологияҳои пешқадам, сарфаҷӯии энергия, истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, кам кардани хароҷоти нисбии захираҳои энергетики дар истеҳсоли маҳсулоти умумии милли (*Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 2011 № 727*).

## Моддаи 5. Усулҳои танзими давлати дар соҳаи энергетика

Танзими давлати дар соҳаи энергетика ба воситаи таъмини ҳуқуқи, иҷозатномадиҳӣ, андозситони, қарздиҳи, маблаљгузори, таъмини сиёсати сармоягузори, иҷтимои, илмию техники ва назорати иҷроиши қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корхонаҳои комплекси сӯзишворию энергетики сурат мегирад (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2013 № 1054*).

Иҷозатномадиҳии фаъолият дар соҳаи энергетика тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" анҷом дода мешавад (*Қонуни ҶТ аз 26.12.05с. № 118*).

Лоиҳаҳо ва барномаҳои энергетики барои сохтани объектҳои азим ба таври ҳатми аз экспертизаи давлати мегузаранд, ки тартиби гузаронидани онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

## Моддаи 5(1). Самтҳои дастгирии давлатӣ дар соҳаи энергетика

*(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1909)*

Дастгирии давлатӣ дар соҳаи энергетика дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- мусоидат ба ҷалби сармоягузорӣ;

- мусоидат ба тарҳрезӣ ва истифодаи технологияҳои муосир;

- маблағгузории барномаҳои мақсадноки давлатӣ;

- мусоидат ба таъмини фаъолияти иттилоотӣ;

- мусоидат барои ташкил ва иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию технологӣ;

- самтҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (*Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1909*).

## Моддаи 6. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи энергетика

*(Қонуни ҶТ аз 28.12.2013 № 1054, аз 19.07.2022 № 1909)*

Салоҳиятҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи энергетика чунинанд (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2013 № 1054, аз 19.07.2022 № 1909*):

таъмини нақши асосии давлат дар тараққиёти энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

идораи комплекси сӯзишворию энергетикӣ дар асоси ҷорӣ намудани механизмҳои бозоргонии фаъолияти он;

фароҳам овардани шароит барои соҳибкории озод ва рушди ҳамаи шаклҳои моликият дар соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ дар фазои пешрафти муносибатҳои бозоргонӣ (*Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1909*);

мусоидат намудан ба иштироки сектори хусуси дар соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ, кӯмак ба дастгирии рақобат дар сохтмон, барқарорсозӣ ва истифодаи корхонаҳо ва дар соҳаҳои он (*Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1909*);

хориҷ карда шуд (*Қонуни ҶТ аз 26.12.05с. № 118*);

муқаррар намудани тартиби гузаронидани экспертизаи давлатии лоиҳаҳои энергетикӣ ва барномаҳои сохтмони объектҳои азими энергетикӣ;

консессия дар соҳаи энергетика;

гузаронидани сиёсати нарх ва тариф дар соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ (*Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1909*);

бурдани назорат оиди истифодаи захираҳои энергетикии аввалия ва барқароршаванда ва нигоҳдории онҳо;

муҳаё намудани шароити зарурӣ барои ташвиқи сармоягузорӣ дар соҳаи комплекси сӯзишворию энергетики (*Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1909*);

қабули чораҳои фаври барои таъмини истеъмолкунандагон бо захираҳои энергетикӣ ва энергия дар вазъияти буҳронӣ ва фавқулодда, дар ҳолатҳои зарури ҷорӣ намудани маҳдудияти муваққатӣ дар истифодабарии онҳо;

ҳамоҳангсозии фаъолияти байналмилалӣ дар соҳаи энергетика;

тасдиқ ва назорат оиди амали гаштани барномаҳо:

- тараққиёти комплекси сӯзишворию энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- оид ба стандартизатсиякунонӣ, амният ва ҳимояи истеъмолкунандагон, ҳифзи муҳити зист аз таъсири манфии фаъолият дар соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ;

- оид ба љайриинҳисорӣ ва реструктризатсиякунонии корхонаҳои соҳаҳои комплекси сӯзишворию энергетикӣ;

- оиди сарфаҷӯии энергия;

- иҷрои дигар салоҳиятҳое, ки дар ҳамин Қонун ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд *(Қонуни ҶТ аз 28.12.2013 № 1054)*;

- иҷрои дигар салоҳиятҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст (*Қонуни ҶТ аз 22.07.2013 № 998, аз 28.12.2013 № 1054*).

## Моддаи 7. Ваколатҳои мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи энергетика

*(Қонуни ҶТ аз 13.06.07с. № 280)*

Мақомотм ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи энергетика (минбаъд - мақомоти ваколатдор) аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад (*Қонуни ҶТ аз 13.06.07с. № 280*).

Низомномаи мақомоти ваколатдор ва сохтори онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд (*Қонуни ҶТ аз 13.06.07с. № 280*).

Ваколатҳои мақомоти ваколатдор инҳо мебошанд (*Қонуни ҶТ аз 13.06.07с. № 280*):

татбиқи сиёсати давлати дар соҳаи энергетика;

ба нақшагири ва пешбинии самти талабот ва пешниҳодот ба ҳамаи намудҳои захираҳои энергетики ва энергия барои ба ҳисоб гирифтан ва минбаъд даровардани таљйирот ба барномаҳои амал;

гузаронидани баҳодиҳи ба талаботи инвеститсиони ва муайян намудани манбаъҳои эътимодноки маблаљгузори ва сармоя;

омўзиши фаъолияти корхонаҳои энергетики бо мақсади мунтазам гузаштани онҳо ба муносибатҳои бозоргони;

мусоидат барои дохилшавии мунтазами инвеститсияҳои хусуси ба комплекси сўзишворию энергетики ва зиёдшавии захираҳои энергетикии маҳаллию алтернативи, ва барқароршаванда, аз ҷумла тавассути танзими идоракуни, соҳибии захираҳои дуюмдараҷа ва маҳсулоти энергетики дар сатҳи истеъмолкунандаи ниҳои (*Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 2011 № 727*);

мусоидат ба тарақиёти рақобат, таъмини имкониятҳои баробар ва шароит барои фаъолияти корхонаҳои энергетикии шаклҳои мухталифи моликият;

амали намудани назорат оид ба риояи шарту талаботи иҷозатномави (*Қонуни ҶТ аз 26.12.05с. № 118*);

таҳия ва татбиқи барномаҳо:

- оид ба тараққиёти комплекси сўзишворию энергетики;

- оид ба стандартизатсиякунони, бехатари ва ҳимояи истеъмолкунандагон, ҳифзи муҳити зист аз таъсири манфии фаъолият дар соҳаҳои комплекси сўзишворию энергетики;

- оид ба сарфаҷўии энергия;

- оид ба истифодабарии манбаъҳои барқароршавандаи энергия (*Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 2011 № 727*);

амали намудани дигар ваколатҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини намудаанд;

- иҷрои дигар ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст (*Қонуни ҶТ аз 22.07.2013 № 998*).

**Моддаи 8. Хориҷ карда шуд**

*(Қонуни ҶТ аз 16.10.2009 № 556)*

**Моддаи 9. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар комплекси сўзишворию энергетики**

*(Қонуни ҶТ аз 13.06.07с. № 280)*

Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар комплекси сӯзишворию энергетики тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегарданд (*Қонуни ҶТ аз 13.06.07с. № 280*).

## БОБИ 3. ХУСУСИЯТҲОИ ФАЪОЛИЯТ ДАР ЭНЕРГЕТИКА

### Моддаи 10. Идоракунии корхонаҳои энергетики

Ба корхонаҳои комплекси сӯзишворию энергетики дар идоракунии фаъолияти хоҷагию истеҳсоли мустақилият дода мешавад.

Ҳама намуди фаъолияти корхонаҳои комплекси сӯзишворию энергетики дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад (*Қонуни ҶТ аз 22.07.2013 № 998*).

### Моддаи 11. ҳимояи ҳуқуқҳои моликияти корхонаҳои энергетики

Корхонаҳои энергетики дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дар асоси гуногуншаклии моликият (давлати, хусуси, саҳоми, омехта ва муштарак) таъсис ёбанд ва амал кунанд.

Моликони корхонахои энергетики дар назди Қонун баробаранд ва аз ҳимояи баробари Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бархӯрдоранд.

Давлат ба табъизи (дискриминатсияи) корхонаҳои энергетики, сарфи назар аз шакли моликияташон роҳ намедиҳад.

### Моддаи 12. ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагони энергия

Манфиатҳои истеъмолкунандагони энергия тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд (*Қонуни ҶТ аз 22.07.2013 № 998*).

### Моддаи 13. Масъалаҳои маблаљгузори дар энергетика

Дар соҳаи энергетика маблаљгузори метавонад аз ҳисоби манбаъҳои давлати, хусуси ва хориҷи таъмин гардад.

### Моддаи 14. Сармоягузории ватанӣ ва хориҷӣ дар энергетика

*(Қонуни ҶТ аз 16.10.2009 № 556)*

Ҷалб намудани сармояи ватанӣ ва хориҷӣ дар энергетика мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амали мегардад. Захираҳои энергетикӣ ба сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ ба

истифодаи мӯҳлатнок, тибқи шартномаҳои тарафайн дода мешаванд (*Қонуни ҶТ аз 16.10.2009 № 556, аз 22.07.2013 № 998, аз 28.12.2013 № 1054*).

Барои сармоягузории ватанӣ ва хориҷӣ дар энергетика тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои андоз ва дигар имтиёзҳо муқаррар шуда метавонанд (*Қонуни ҶТ аз 16.10.2009 № 556, аз 22.07.2013 № 998*).

## Моддаи 15. Нархгузори дар соҳаи энергетика

Нархҳо ва тарифҳо ба маҳсулот ва хизматрасонии энергетики ба тазри озод (шартномави) муқаррар мешаванд, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини шудаанд (*Қонуни ҶТ аз 22.07.2013 № 998*).

Бо мақсади ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ, ҳангоми азхудкунӣ ва истифодабарии захираҳои электроэнергетикӣ, харидории электроэнергияи зиёдатӣ, мақомоти ваколатдор оид ба танзими фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ метавонад нархҳо ва тарифҳои дигарро, ба истисноӣ нархҳо ва тарифҳои нерӯи барқ ва гармӣ муқаррар намояд (*Қонуни ҶТ аз 16.10.2009 № 556, аз 28.12.2013 № 1054*).

Нархҳо ва тарифҳои нерӯи барқ ва гармӣ бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатии зиддиинҳисорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2013 № 1054, аз 19.07.2022 № 1909*).

## Моддаи 16. Консессияҳо дар энергетика

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон стансияҳои барқи ва гарми, шабакаҳои магистрали ва тақсимкунандаи қувваи барқ ва иншооти хизматрасони онҳо, хатҳои интиқоли нафту газ, корхонаҳои хоҷагии таъминкунандаи гази табии ва моеъ, объектҳои нафту газ, майдонҳои перспективии дорои нафту газро ба консессия дода метавонад (*Қонуни ҶТ аз 22.07.2013 № 998*).

Додани консессия ба сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ барои кашф, истихроҷ ва истифодаи захираҳои энергетики ва пешбурди дигар фаъолият дар комплекси сӯзишворию энергетики дар асоси шартномаҳои консессиони сурат мегирад (*Қонуни ҶТ аз 22.07.2013 № 998*).

## Моддаи 17. Истифодаи замин дар соҳаи энергетика

(*Қонуни ҶТ аз 22.07.2013 № 998*)

Истифодаи замин дар соҳаи энергетика мутобиқи қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад (*Қонуни ҶТ аз 22.07.2013 № 998*).

## Моддаи 18. Корхонаҳои давлатии энергетика

Корхонаҳои давлатии энергетики фаъолияти худро дар асоси тиҷорат ба сифати воҳидҳои мустақили хоҷаги, бо усули бастани шартнома бо мақомоти ваколатдор анҷом медиҳанд. Чунин шартномаҳо нисбат ба корхонаи давлатии комплекси сӯзишворию энергетики пешбини менамоянд (*Қонуни ҶТ аз 13.06.07с. № 280*):

- мақоми зарурии корпоративи ва тиҷоратии он;

- нақша-ҷадвали корҳои тиҷоратикунонии он;

- дараҷаи мустақилияти молияви ва идоракунии он;

- стандартҳо ва меъёрҳои кор ва тобеияти роҳбарияти он;

- усул ва тартиби таҳияи сохтори ҳисоботдиҳии он, аз ҷумла ҳисоботдиҳии алоҳида барои воҳидҳои мухталифи амалкунандаи он, муайян намудани арзиши амвол ва ҳиссаҷудокуни барои хӯрдашавии он;

- муайян кардани кор ва хизматрасони, ки барои эҳтиёҷоти давлат иҷро мешаванд ва арзиши онҳо;

- нишондиҳандаҳои нақшавии солонаи молияви ва истеҳсоли.

## Моддаи 18(1). Барномаҳои мақсадноки давлатӣ дар соҳаи энергетика

*(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1909)*

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои мақсадноки давлатиро дар соҳаи энергетика тасдиқ менамояд.

Барномаҳои мақсадноки давлатӣ дар соҳаи энергетика мутобиқ ба афзалиятҳои дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетика таҳия ва татбиқ карда мешаванд (*Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1909*).

## Моддаи 18(2). Таъминоти илмию техникӣ дар соҳаи энергетика

*(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1909)*

Таъминоти илмию техникӣ дар соҳаи энергетика дар доираи барномаҳои давлатӣ, соҳавӣ ва амалии илмию таҳқиқотӣ, лоиҳаҳои инноватсионӣ ва лоиҳаҳо оид ба иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию технологӣ, ки маблағгузории онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

пешбинӣ мегардад, ба амал баровар да мешавад (*Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1909*).

## БОБИ 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

(*Қонуни ҶТ аз 22.07.2013 № 998*)

### Моддаи 19. Назорати давлатии энергетики

Барои таъмини назорат аз тарафи шахсони ҳуқуқи ва воқеи риоя шудани регламентҳои техникӣ ва стандартҳои муқарраргардида, меъёрҳо ва қоидаҳо дар ҷараёни истеҳсол, интиқол, тақсимот, нигаҳдори, истеъмоли захираҳо ва маҳсулоти энергетики, дар истифодаи объектҳо, иншоот, таҷҳизот дар энергетика мувофиқи тартиби муайяншудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати давлатии энергетики ташкил мешавад (*Қоунуни ҶТ аз 28.12.2013 № 1054*).

Назорати давлатии энергетики аз тарафи мақомоти махсусгардонидашудаи давлати гузаронида мешавад.

### Моддаи 19(1). Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи энергетика

*Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1909*

Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи энергетика тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, ба роҳ монда мешавад.

Самтҳои асосии ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи энергетика аз инҳо иборатанд:

- мубодилаи тарафайн бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва хориҷӣ оид ба дастовардҳои илмию технологӣ;

- иштирок дар лоиҳаҳои байналмилалии энергетикӣ;

- мубодилаи таҷриба оид ба истифодаи самараноки манбаъҳои барқароршавандаи энергия;

- таълим ва бозомӯзии кадрҳои соҳаи энергетика дар асоси шартномаҳои ҳамкорӣ;

- ташкил ва иштирок дар конфронсҳои байналмилалӣ, симпозиумҳо ва семинарҳо (*Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1909*).

### Моддаи 20. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур

(*Қонуни ҶТ аз 22.07.2013 № 998*)

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки муқаррароти Қонуни мазкурро риоя намекунанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд (*Қонуни ҶТ аз 22.07.2013 № 998*).

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

ш. Душанбе,

аз 29 ноябри соли 2000, № 33